Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044-и назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33)

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Табарзода Далер Раҳматуло дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.04 – Ҳуқуқи молиявӣ; ҳуқуқи андоз; ҳуқуқи буҷетӣ пешниҳод шудааст.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Табарзода Далер Раҳматуло ба яке аз мавзуъҳои актуалии илми ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон - танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф ба проблемаҳои назариявии назорати андоз, ҷой назорати андоз дар низоми назорати давлатии молиявӣ, муайян кардани мафҳуми шакл ва усулҳои он, принсипҳои амалияи муттаҳидсозии назорати андоз, инчунин, хусусиятҳои назорати камералӣ ва мониторинги андоз диққати махсус додааст, ки дар мавҷуд набудани меъёри муайяни муттаҳидкунандаи категорияҳои асосии мавзуи баррасишаванда ифода меёбад.

Бояд қайд намуд, ки рисолаи илмӣ дар ҳамин мавзуъ бо ҳамин равиш дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ бори аввал анҷом дода шудааст. Гарчанде ки дар илми ҳуқуқи андози дигар давлатҳо ин мавзуъ хеле хуб омӯхта шуда бошад ҳам, вале таҳлили илмии вазъи кунунии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки ин масъала ҳанӯз ҳам мавриди омӯзиши амиқи олимони ватанӣ қарор нагирифтааст. Чуноне ки унвонҷӯ қайд менамояд, ҷиҳати фаҳмиши

дуруст истилоҳоти истифодашавандаи назорати андоз ва муайян кардани ҷанбаи андозӣ - ҳуқуқии онҳо камбудиҳо дида мешавад, ки ин ҳолат аз набудани истилоҳоти дурусти марбут ба мавзуи баррасишаванда гувоҳӣ медиҳад. Аксари истилоҳоту ибораҳои ҳуқуқие, ки дар қонунгузории андози Федератсияи Россия ва дигар давлатҳои пасошуравӣ васеъ истифода мешаванд, дар қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон то кунун шакли мукаммали ҳуқуқии худро нагирифтаанд. Масалан, «назорати андоз», «шакли назорати андоз», «усулҳои назорати андоз» ва ғ.

Мубрамии мавзуи таҳқиқотии мазкур дар он ифода мегардад, ки дар низоми ҳуқуқии назорати давлатии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи назорати андоз, баланд бардоштани самаранокии он, дуруст ҳисоб кардан, пурра ва сари вақт пардохт намудани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба фондҳои пулии давлатӣ бо мақсади амалӣ намудани функсияи идоракунии давлатӣ аҳамияти аввалиндараҷаро ишғол менамояд. Ин пеш аз ҳама, ба он шарҳ дода мешавад, ки андоз яке аз даромади асосии буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, он на танҳо ба ғанӣ гардонидани буҷетҳои дахлдори давлатӣ, балки ба таъмини амнияти умумимиллӣ низ таъсири назаррас мерасонад.

Омӯзиши ҳамаҷонибаи танзими ҳуқуқии назорати андоз ба унвонҷӯ имкон додааст, ки шакли нави онро (мониторинги андоз) ҳамчун як роҳи нави ҳамкории иттилоотии байни мақомоти андоз ва андозсупоранда, ки дар Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст, баррасӣ намуда, хусусиятҳои шаффоф будани ҳисоботдиҳӣ, озод будан аз шакли назорати камералӣ, муоинаи хронометражӣ ва санҷиши андозӣ, инчунин ҳалли фаврии баҳсҳоро муайян намояд. Ин навоварӣ ба андешаи муаллиф ба такмили

минбаъдаи танзими ҳуқуқии шаклҳои назорати андоз нигаронида шудааст.

Ҳамин тавр, унвонҷӯ Д.Р. Табарзода асарҳои олимони Федератсияи Россия ва дигар давлатҳои пасошуравиро ҳамчун махзани назарияи ҳуқуқӣ, нуктаи оғози консепсияи илмӣ дар таҳқиқот, аз ҷумла, дар пажуҳиши мавзуи танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намудааст.

Аз мазмуни таҳқиқоти анҷомдодашуда бармеояд, ки муаллиф мавзуи баррасишавандаро дар сатҳи баланди илмӣ таҳлил ва таҳқиқ намуда, андешаҳои худро вобаста ба масъалаҳои алоҳидаи таҳқиқоти мазкур, инчунин тавсияҳои худро ҷиҳати такмили меъёрҳои қонунгузории дахлдор пешниҳод намудааст.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ аз маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар рафти танзим ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалӣ намудани шаклҳои он ба вуҷуд меоянд, ташкил медиҳад.

**Мавзуи таҳқиқотро** маҷмуи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие, ки тартиби гузаронидани назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаклҳои онро дар бар мегиранд, инчунин ақидаю нуктаи назари олимон, консепсияҳои илмӣ ва маълумотҳои оморӣ ташкил медиҳад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро осори илмии олимон ва муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ташкил медиҳанд. Дар раванди омода намудани рисолаи диссертатсионии мазкур диққати бештар ба осори олимон ва муҳаққиқон ба мисли А.Д. Ғафурзода, Ш.К. Ғаюров, Д.Ш. Сангинов, Ш.М. Исмоилов, С.И. Иброҳимов, Ҷ.Ю. Рустамзода, Ф.М. Расулов, Ҷ.С. Муртазозода, С.П. Ҳаитов, Е.Ю. Грачёва, О.Н. Горбунова, И.Б. Лагутин, Н.И. Химичева, Э.Д. Соколова, С.А. Савостянова, Т.В. Конюхова, А.А. Ялбулганов, А.С. Селиванов, О.В. Болтинова, Ю.А.

Крохина, А.Н. Козирин, Е.Д. Соколова, А.В. Бризгалин, А.Ю.Илин, М.В. Карасева, Д.Е. Нелюбин, О.А Ногина, Т.Ю. Курбатов, Л.Л. Арзуманова, М.Н. Садчиков, Т.Д. Садовская ва дигарон дода шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии тадқиқоти диссертатсиониро усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ ташкил медиҳанд. Дар раванди таҳқиқот усулҳои диалектикӣ, таҳлилӣ, низомнокӣ, синтез, индуксия, дедуксия, мантиқӣ, хулосабарорӣ ва усулҳои махсуси илмӣ, аз қабили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-ҳуқуқӣ ва ғайра мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода мегардад, ки он аввалин маводи маҷмуавии таҳқиқотии илмӣ вобаста ба масъалаи танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Дар таҳқиқот бори аввал ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии назорати андоз дар ҶТ мавриди баррасии ҳаматарафа қарор гирифта, таклифҳои илман асоснок ва аҳамияти муҳимми амалидошта баҳри такмили минбаъдаи қонунгузории танзимкунандаи назорати андоз пешниҳод карда шудаанд. Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ мафҳумҳои муаллифии «назорати андоз», «шакли назорати андоз», «усули назорати андоз» ва ғ. таҳия гардидаанд, ки онҳо ба ташаккули илми ҳуқуқи андози ватанӣ нигаронида шуда, аҳамияти муҳим доранд. Хулоса ва пешниҳодҳои дар рисола зикргардида барои ҳалли мушкилот ва норасоиҳои мавҷуда дар самти танзими ҳуқуқии назорати андоз дар ҶТ равона гардида, ба рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи андоз нигаронида шудаанд.

Ба ғайр аз ин, дар қисмати алоҳидаи таҳқиқот тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст, ки мазмунан нисбати такмили қонунгузории амалкунандаи андози кишвар, инчунин, консепсияи баланд бардоштани самаранокии назорати андоз дар шароити муосир пешниҳод намудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалиявии таҳқиқот** дар он ифода мегардад, ки хулосаҳо, таклифҳо ва нуктаҳои ба ҳимоя тавсияшаванда метавонанд, минбаъд дар таҳия намудани консепсияи рушди илми ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи воқеӣ гузоранд. Дар рисола мафҳуми назорати андоз, шакл, усул ва принсипҳои муттаҳидсозии он аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок карда шудаанд, ки дар маҷмуъ онҳо ба такмили танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд.

Дар баробари ин, нуктаҳои баррасигардида ва дар заминаи онҳо хулосаҳои пешниҳодшуда метавонанд, дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар (ҳангоми хондани лексияҳо ва гузаронидани машғулиятҳои семинарӣ) дар раванди таълим аз фанҳои ҳуқуқи молиявӣ, ҳуқуқи андоз, ҳуқуқи буҷетӣ, ҳуқуқи бонкӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ истифода карда шаванд. Ба ғайр аз ин, хулоса ва тавсияҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии бадастомада метавонанд, дар таҳия ва такмили минбаъдаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, амалия ва таҷрибаи ҳуқуқшиносон ва ба нафароне, ки дар самти мазкур пажуҳиш мебаранд, саҳмгузор бошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ бо сатҳи навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои илмӣ-назариявӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои илман асоснокгашта, ки барои такмили қонунгузорӣ ва самаранокии назорати андоз метавонанд, мусоидат намоянд, инчунин бо интишороти илмӣ, ки бо саҳми бевоситаи ӯ омода шудаанд, ҳамзамон бо маърузаҳо дар мизҳои мудаввар ва конференсияҳои сатҳи гуногуни илмӣ-амалӣ тасдиқ карда мешаванд.

Натиҷаҳои асосии илмии бадастовардаи муаллиф дар 7 мақолаи илмии нашргардида, аз ҷумла чор мақолаи дар маҷаллаҳои

тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва се маърузаи конференсияҳои байналмилалию ҷумҳуриявӣ нашр гардидаанд, ки муҳтавои таҳқиқотро иникос менамоянд.

Диссертатсия аз ҷониби унвонҷӯ мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сохтор ва ҳаҷми рисола бо назардошти ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, дараҷаи кор карда баромадани илмии проблемаҳои таҳқиқшавандаро пай дар пай дар бар гирифта, аз муқаддима, 2 боб, 6 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионии Табарзода Далер Раҳматуло дар мавзуи "Танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба талаботи бандҳои 31-35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгу буда, муаллифи он сазовори унвони илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.04 – Ҳуқуқи молиявӣ; ҳуқуқи андоз; ҳуқуқи буҷетӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
Ректори Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ

Имзои Ғафурзода А.Д.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Ҳамидов Ш.Б.
«02» 12 2023 с.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел: (+992) 907 72 55 90